"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
доктори илмҳои филологӣ, профессор
_____ Ғулназарзода Ж.Б.
«26» августи соли 2021

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ТАҚРИЗДИҲАНДА

ба диссертатсияи номзадии Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадович дар мавзӯи «Абулфазли Миколӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони Нишопури нимаи дуюми асри X нимаи аввали асри XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.02.14 - Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ

Адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз шохаи нерӯманди адабиёти гузаштаи мо мебошад, ки ба хидматҳои фарзандони соҳибназар, донишманд ва адиби халқи тоҷик такя мекунад, ки бо камоли тасаллут дар забони арабӣ муваффақ бар он гардиданд, ки дар ин забон осоре ба рӯҳияи форсиву тоҷикӣ офарида, аз ин роҳ дар интиқоли ғояҳои адабиёт ва фарҳанги даврони тоисломӣ ва баъд аз он саҳми босазо гузоранд. Дар канори ин, саҳми гурӯҳи шоирону нависандагони тоҷиктабор дар аҳди аввали ислом барои идомаи падидаҳои адабиёти даврони тоисломӣ тавассути тарҷумаи онҳо бо забони арабӣ хеле зиёд аст, ҳамин рисолатро дар асрҳои баъдӣ гурӯҳе аз хонадонҳо ба сомон расониданд, ки яке аз онҳо хонадони Оли Микол дар Нишопури асрҳи X- XI мебошад. Бар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихиву адабӣ равшан аст, ки асли ин хонадони тоҷиктабор ба хонадони Деваштичи суғдӣ мерасад ва худи онҳо дар қарнҳо мавриди назар барои ривоҷи фарҳанги миллӣ дар батну матни тамаддуни исломӣ тавассути корномаҳои шоёни сиёсиву адабиву фарҳангӣ хидмат намудаанд. Нуфуз ва эътибори онҳо дар замони хеш ба ҳадде боло рафта буд, ки ду нафар намояндаи эшон дар умури вазорати Саффориён ва Ғазнавиён соҳибмақом гардида буданд. Сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ аз корномаҳои адабӣ, фарҳангӣ ва пуштибони аз аҳли илму маърифат зиёд навиштаанд ва дар баробари ин ишорат шуда, ки бархе аз намояндагони онҳо худ аҳли шеъру сухан буда, бевосита дар рушди адабиёти арабизабони форсу тоҷик саҳми шоистае гузоштаанд.

Ҳарчанд роҷеъ ба ин хонадон ва мақоми онҳо дар рушди адабиёти арабизабони форсу тоҷик мақолоте ҷудогона ба қалам омадааст ё дар ин замина баҳсу баррасиҳои илмии марбут ба адабиёти арабизабони форсу

тоҷик матолибе таъкид шудааст, аммо то кунун таҳқиқоте ҷудогона ва мустақил дар шакли рисолаи илмӣ дар ин замина ба қалам наомадааст.

Аз ин нигоҳ, диссертатсияи номзадии Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмададович дар мавзӯи «Абулфазли Миколӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони Нишопури нимаи дуюми асри X нимаи аввали асри XI" аз ҷумлаи аввалин кӯшишҳои муҳаққиқ буда, таҳқиқи саҳми барозандаи Оли Микол ва намояндаи барҷастаи онҳо Абулфазли Миколӣ дар рушди адабиёти аризабони форсу тоҷик дар асрҳои X- XI ба шумор меравад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 8 фасл, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимият ва мубрамияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи азхудшавии он, мақсад ва вазифаҳо, сарчашмаҳои таҳқиқ, равишҳои таҳқиқ, навовариҳо дар раванди пажӯҳиш, арзишҳои назариву амалӣ ва саҳми муаллиф дар таҳқиқ ва натиҷагирӣ аз баррасиҳои анҷомдодаи ӯ мушаххас ва муқарррар карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия "Муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии Нишопур дар замони Абулфазли Миколӣ" унвон дошта, маҷмӯи баррасӣ ва таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф дар се фасл ҷой гирифтаанд.

Дар фасли аввали ин боб, ки "Вазъи сиёсиву иҷтимоии Хуросон, дар асрҳои X-XI" ном дорад, рисоланавис бар асоси мутолиа ва омӯзиши сарчашмаи муътабари таърихӣ авзои сиёсиву иҷтимоии Хуросонро дар асри мавриди пажӯҳиш шарҳу тафсир кардааст. Бо такя бар чанд асари арзишманди илмӣ ва таърихӣ, ки аз сӯи донишмандоне чун Сайдулло Абдуллоев, Шафеии Кадканӣ ва дигарон муқаррар шудааст, ки Хуросон дар ҳудуди қаламраве то сарҳади Осиёи Миёна ва Афғонистони имрӯзро фаро мегирад, ки маркази он аввалан Марву Балх ва дар қуруни баъдӣ Нишопур будааст ва ба рӯзгори Сомониён ҷузъи ин давлати қудратманд ба шумор мерафтааст. Бо мутолиаи анҷомдодаи аз китобҳои муътабари таърихиву адабӣ рисоланавис авзои куллӣ, аз ҷумла фазои фарҳангиву мадании шаҳри Нишопурро баррасӣ намуда, дар мавориди зарурӣ ҷиҳати шарҳу тафсири воқеияти рӯзгор ва ҳолу ҳавои шаҳр бевосита ба ашъори Абулфазли Миколӣ руҷӯъ намудааст. Аз ин нуктаи назар ҷиҳати муҳим ва дорои арзиши илмии ин фасли боби аввали диссертасия дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ ашъори Абдулфазли Миколиро ҳамчун сарчашмаи шинохти авзои сиёсиву иҷтимоии замон қарор додааст.

Вазъи иҷтимоии шаҳр, аз ҷумла тиҷорату савдо, шароити зисту зиндагонии мардум, робитаҳо ба марокизи дигар дар пайванд бо ривоҷи илму ҳунармандӣ, заминаҳои инкишофи адабиёт ва илму маориф баҳсу баррасӣ шуда, натиҷаҳои муайяни илмӣ аз он мабоҳис ба даст омадааст.

Дар фасли дувуми боби мазкур, ки "Доираи адабии Нишопур ва рушду нумӯи адабиёти арабизабон дар он" унвон дорад, шаҳри Нишобур ҳамчун яке аз марокизи рушду нумуи илму адабиёт ва маорифи форсиву арабӣ, ҷойгоҳи ташаккул ва таҳаввули адабиёти арабизабони форсу тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бар пояи таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифи диссертатсия дар ин миён саҳми хонадони Миколиён дар ривоҷи илму адабиёт ва ҳунару фарҳанг дар ин шаҳр ва дар ин давраи шукуфоии он, замоне ки ҳамчун "дорулилм" ва "маҷмааи илму адаб" эътироф гардида буд, муҳим арзёбӣ мешавад, ва дар ин миён ба таъкиди дтссертант "хосатан Ҳасан ибни Муҳаммад Миколии маъруф ба Амир Ҳасанак, Абӯнасри Миколӣ ва писараш Абулфазли Миколӣ, ки раёсати шаҳрро ба уҳда доштанд, хеле бузург буд. (сах.26)

Дар давоми баррасиҳои анҷомдодаи хеш муаллиф нақш ва мақоми ин шаҳрро ҳамчун як доираи адабӣ дар ривоҷи адабиёти арабизабон муқаррар намуда, пайвандҳои илмиву адабии Миколиён, аз ҷумла Абулфазли Миколӣ бо Саолибии Нишопурӣ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, ки дар таъйини ҷойгоҳи ин доираи адабӣ нақши барҷаста доранд. Ба таври куллӣ, бо такя бар китоби "Ятимат-ут даҳр"-и Саолибӣ шарҳу тавзеҳи рӯзгор ва муҳимтарин ҳадамоти 27 нафар намояндагони барҷастаи доираи адабии Нишопурро зикр намудааст, ки дар ривоҷи адабиёт саҳми муносибе дошта, ҳастии ин ҳавзаи адабиро муаррифӣ кардаанд. Ҳамчунин аз 16 нафари дигар аз чунин адибон ёдовар шуда, муҳимтарин нукоти рӯзгор ва ҳадматҳои илмиву адабии онҳо баён гардидааст, ки бо шунидани фазилатҳои адабпарварии Миколиён ба шаҳри Нишопур омада, ҷузъи ин доираи адабӣ гардида, дар инкишофи адабиёт саҳми муносиб гузоштаанд. Ҳамзамон, муҳимтарин анвои шеърӣ ва наср дар адабиёти ин аҳд ва дар доираи адабии мазкур ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, дар фасли сеюми ин боб муҳаққиқ баррасиҳои хешро бар асоси нақши муҳими Оли Микол дар инкишофи адабиёти арабизабони форсу тоҷик давом бахшидааст. Инчунин, дар баробари бозтоби нақши муассири худи намояндагони хонадон дар ташаккули адабиёт саҳми онҳо дар бузургдошт ва дастгирии аҳли сухан низ шарҳу тавзеҳ ёфтааст, ки маҳз ҳамин ибтикори эшон боис ба нуфузи доираи адабии Нишопур дар ин давр аз ҳисоби шоирону нависандагони берунӣ гардидааст, ки Бадеуззамони Ҳамадонӣ - бунёдгузори навъи мақома яке аз онҳо мебошад.

Боби дуюми диссертатсия "Рӯзгор ва осори Абулфазли Миколӣ» унвон дошта, дар ду фасл шарҳи муфассали номаи рӯзгор ва таркиби асосии мероси адабии ӯ тафсир шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқу баррасии зиндагиномаи Абулфазли Миколӣ нахуст ба таъйини номи аслии

хонавода ручӯъ карда, мукаррар сохтааст, ки бо сабаби саромади ин дудмон будани шахсе бо номи Микол ибни Абдувоҳид онҳо Миколиён унвон гирифтаанд. Таҳқиқу баррасиҳои амиқи рисоланавис дар заминаи таъйини гузаштагони ин хонадон бар пояи сарчашмаҳои дақиқи таърихӣ мукаррар намудааст, ки аслу насаби онҳо ба Деваштичи суғдӣ мерасад.

Ба назар мерасад, ки воқеан дар ин замина муаллифи диссертатсия ковишҳои фаровони илмӣ анҷом дода, сайри таърихии ин хонаводаро аз замони ин намояндаи бузурги пешинаи аҷдоди суғдии онҳо то замони ҳукуматашон дар Нишопур, пайванд ва робитаҳояшон бо сулолаҳои Тоҳириёну Саффориён баён доштааст.

Як нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки дар ин бахши диссертатсия низ муаллиф кӯшидааст, ки барои таъйин намудани нуктаҳои марбут ба зиндагиномаи Абулфазли Миколӣ ба ашъори вай ручӯъ намуда, саҳифаҳои ҳаёташро дар асоси сурудаҳои худаш шарҳу тафсир карда, бар ин асос баъзе санадҳои навинро вобаста ба вазъи иҷтимоии ӯ баён созад.

Аз ин рӯ, ӯ афзалият ва зарурати интихоби чунин шеваи таҳқиқи хешро дуруст ва бамаврид тасреҳ мекунад, ки «Ҳарчанд дар бораи зиндагии Абулфазли Миколӣ аз ин беш маълумот дар сарчашмаҳои куҳнаву нав мавҷуд нест, бар асоси таҳлилу баррасии иттилооти мавҷуда ва ашъори бозмондаи худи вай метавон ба натиҷае расид, ки аслу насаби ӯ дар ҳақиқат ба Деваштич рафта мерасад. Ин нукта собит мекунад, ки гузаштагони мо мутобиқ ба талаботи сиёсиву фарҳангии замони зиндагии худ монанди Абулфазли Миколӣ барои рушди забону адабиёти арабӣ хидмати босазо кардаанд» (71).

Баъдан, рисоланавис ба баррасии осори манзум ва мансури Абулфазли Миколӣ пардохта, нахуст масъалаи устодони вай, назди кӣ дарс омухтант ва заминаҳои камолоти маънавиву илмиашро дақиқ кардааст. Нақду баррасии ашъори Абулфазли Миколиро дар осори адабии давр ба асос гирифта, барои муайян намудани сарчашмаҳои фароҳамоварӣ ва шинохти сурудаҳои шоир иқдом кардааст, ки ин шеваи баррасии вай низ ҷолиби таваҷҷуҳ ба назар мерасад. Ӯ осори Саолибиро яке аз сарчашмаҳои аслии зикри ашъори Абулфазли Миколӣ унвон намуда, мукаррар кардааст, ки дар умум мероси адабии шоирро 11 китоб ба вуҷуд овардаанд, ки 10 тои он таълифоти мансур буда, 1 девони шоир низ вуҷуд дорад, ки миқдори абёти онро муҳаққиқон бештар аз 618 байт гуфтаанд, ки дар асоси ҷамъу таҳқиқи Ҷалил ал-атия ба нашр расидааст.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои маъной ва ҳунарии осори Абулфазли Миколӣ» унвон дошта, матолиби аслӣ дар ин қисмати диссертатсия низ дар се фасл шарҳу тафсир ёфтаанд. Нахуст, мутобиқи

ашъори то замони мо расидаи Абулфазли Миколӣ рисоланавис анвои шеърии аз ӯ боқимондонаро дақиқ намуда, мазмун ва мундаричаи онро шарҳу тафсир кардааст. Нахуст, таҳқиқоти анҷомдодаи вай муқаррар сохтааст, ки Девони аз шоир то замони мо расида, дар натичаи ҷамъоварии ашъори ӯ дар асоси сарчашмаҳои дигар сурат гирифтааст, ки ба он ишорат шуд. Баррасиҳои муаллиф муайян кардаанд, ки аз Абулфазли Миколӣ то имрӯз 57 қитъа ғазал, 39 қитъаро панду андарз ва 32 қитъа ашъори васфӣ расидаанд. Аз ин ҷо маълум намудааст, ки таркиби девони шоирро асосан ғазал, панду анзарз ва ашъори васфӣ ташкил медиҳад, ки мундаричаи ашъори шоирро муқаррар сохтааст.

Дар идомаи таҳқиқоти худ рисоланавис мавқеи санъатҳои бадеӣ дар таркиби ашъори Абулфазли Миколиро ба риштаи таҳқиқ кашида, ҷойгоҳи ташбеҳ ва анвоъи он, тасвирпардозӣ, сифатчинӣ ё тансиқ-ут сифот, саволу ҷавоб, истиора, таҷоҳули ориф, тааҷҷуб, иқтибос, такрор, нидо, таҷнис ва амсоли инро бо зикри асноди шоҳид ва шарҳу тавзеҳи корбасти ҳар яке аз онҳо ба таври дақиқ нишон додааст. Ин шеваи баррасиҳои илмӣ барои дақиқ намудани сабки эҷодии Абулфазли Миколӣ низ имконият фароҳам овардааст.

Дар натича ӯ ба хулосае расидааст, ки яке аз хусусиятҳои сабки эҷодии шоир эъҷоз ё баёни муъҷаз мебошад, ки ин дар кутоҳии китъаҳои шеърии вай таҷассум ёфтааст. Бозтоби хусусиятҳои шеъри форсӣ, аз ҷумла, аносири ғазал низ аз дигар вежагиҳои сабкии сурудаҳои Абулфазли Миколӣ мебошад, ки онро таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифи диссертатсия бо асноди шоҳид нишон додааст. Ҷойгоҳи аносири ҳаҷв ва баёне чистонгуна низ аз ҷумлаи падидаҳои сабки эҷодии Абулфазли Миколӣ мукаррар гардидаанд, ки натичаи ҷусторҳои илмии рисоланавис мебошанд.

Дар хулосаи диссертатсия, ки ба таври куллӣ ду бахш, натичаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натичаҳо таркиб ёфтааст, муҳимтарин натичаҳои аз таҳқиқи матолиби аслии мавриди баррасӣ ба даст омада, баён шудаанд, ки ҳамагӣ самаранокӣ, ҷусторҳои судманд, истиқлоли андешаи рисоланависро баён месозанд. Хулосаҳои илмии диссератсия ба таври муъҷаз ва дақиқ дар 11 банд баён гардидаанд.

Ҳамин тавр, тадқиқоти анҷомдодаи Холов Назармуҳаммад Ёрмаҳмадовичро дар мавзӯи "Абулфазли Миколӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони Нишопури нимаи дуюми асри X нимаи аввали асри XI" метавон таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта ҳисобид, зеро он дар дар заминаи адабиёти арабизабони форсу тоҷик ба вуҷуд омадааст ва дар асоси сарчашмаҳои муҳиму муътабар, мутолиаи осори муҳими

илмиву адабӣ, таҳлили дидгоҳҳои мухталифи аҳли таҳқиқ ва баёни мулоҳизаҳои илмии худи муаллиф иншо гардидааст.

Дар баробари чунин арзишу аҳамияти муҳим дар диссератсия баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки бартараф намудани онҳо арзиш ва аҳамияти илмии онро боз ҳам боло хоҳад бурд:

1. Дар муқаддима ҳангоми баррасии дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ номгӯи адабиёти зиёде оварда шудааст, вале шарҳу тавзеҳи онҳо кам ба назар мерасанд.

2. Овардани сарчашма ва адабиёти илмии зиёд, ки таҳлили воқеӣ нашудаанд, зарурат надорад.

3. Боби аввали диссертатсия "Муҳити сиёсӣ ва фарҳангиву адабии Нишопур дар замони Абулфазли Миколӣ" унвон дорад, вале дар зербобҳо сухан дар мавриди фарҳанг кам рафтааст.

4. Дар боби дуюми диссертатсия хуб мешуд агар осори мансур аз осори манзум ба таври алоҳида ё зербоби ҷудогона мавриди баррасӣ карор мегирифт.

5. Дар боби сеюми диссертатсия агар аввалан дар мавриди сабки эҷодии Абулфазли Миколӣ сухан рафта, баъдан масъалаи мавқеи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Абулфазли Миколӣ баррасӣ мегардид, ба манфиати кор мешуд.

6. Ҳангоми тарҷумаи баъзе порчаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ ноҷӯриҳои мантиқиву услубӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо муфид мебошад.

7. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои услубиву техникӣ ба назар мерасанд, ки исоҳи онҳо бар дӯши муаллиф аст.

Бояд қайд кард, ки камбудиу норасоиҳои мазкур ҳаргиз арзиши илмии диссертатсияро кам накарда, ба мундариҷаву сохтори он халал намерасонанд, зеро диссертатсияи мазкур кори илмии анҷомёта маҳсуб меёбад.

Бо назардошти мулоҳизаҳои номбурда метавон гуфт, ки диссертатсияи диссертатсияи номзадии Холов Назармуҳаммад дар мавзӯи дар мавзӯи «Абулфазли Миколӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти арабизабони Нишопури нимаи дуюми асри X нимаи аввали асри XI" ба талаботи оинномавии Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.14 - Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ мебошад. Афтореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи рисоланавис муҳтавои аслии диссертатсияро ифода карда метавонад.

Такризи муассисаи такриздиҳанда дар ҷаласаи кафедраи филологияи Шарқи Наздики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 26 августи соли 2021, қарори №1, бо иштироки унвонҷӯ Холов Н.Ё. баррасӣ гардидааст.

Иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -7 нафар, зид-0, бетараф-0.

Раиси ҷаласа: Турсунов Ғолиб Абдусобирович, мудири кафедраи филологияи Шарқи Наздик, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

Ташхисгар: Юнусӣ Ахтамшо, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

Котиби ҷаласа: Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич

Имзоҳои Турсунов Ғолиб, Сайфуллоев Муслиҳиддин ва Юнусӣ Ахтамшоро тасдиқ мекунам

Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ
ба номи Сотим Улуғзода Начмуддинов Ш.М.

Нишонӣ: 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.
Тел.: 232 50 00; 232 87 30; 2325005;
E-mail: fil-sharq@mail.ru
Сомона: ddzt.tj